## МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 октябри соли 2021 конфронси ҷумҳуриявии илмию амалиро таҳти унвони "Масъалаҳои мубрами муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатия" ва "Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ: самтҳои ҳамкорӣ ва дурнамои рушд" баргузор мекунад.

Барои иштирок дар конфронс кормандони мақомоти давлатӣ, корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, созмонҳои байналмилалӣ, олимон, омӯзгорон ва докторантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ, инчунин намояндагони созмонҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ даъват мешаванд.

**Забони кории конфронс:** тоҷикӣ, русӣ, англисӣ.

**Тартиби пешакии кори конференсия:**

**28 октябри соли 2021**

09:00 - 10:00. Ифтитоҳи конференсия. Ҷаласаи пленарӣ.

10:30 - 16:00. Ҷаласаҳо дар бахшҳои конференсия.

Маводи конфронс дар шакли маҷмӯи мақолаҳо ба табъ расонида мешавад.

**Талабот ба мақолаҳои барои чоп пешниҳодшаванда:**

- мақола бояд ба мавзӯи конфронс мувофиқ бошад;
- мақола набояд қаблан нашр ё барои нашр ба дигар нашриётҳо ирсол гардида бошад;
- мақола на зиёда аз 2 муаллифро дар бар гирад;
- мақола дар таҳрири муаллиф нашр мешавад, аз ин рӯ, бояд таҳриргардида ва бе истифодаи ҳиҷобандии калимаҳо пешниҳод гардад;
- ҳаҷми мақола бо фарогирии аннотатсия, калидвожаҳо ва рӯйхати адабиёт, набояд аз 5 саҳифа зиёд бошад;
- дар матн иқтибос аз адабиёт дар қавсҳои чоркунҷа ба таври [2, с. 26], ки дар он рақами якум рақами тартибии сарчашма дар рӯйхати адабиёт ва рақами дуюм саҳифае, ки аз он иқтибос оварда шудааст, нишон дода шавад;
- иқтибос бояд дар нохунакҳои кунҷӣ дар шакли «…» оварда шавад;
- манбаъҳои интернетии истифодашуда бояд дар рӯйхати умумии адабиёт ҷойгир карда шавад.

**Вижагиҳои танзими мақола:**

- сатри якум - номи мақола **бо ҳарфҳои калон** бо баробаркунии матн дар байни саҳифа;
- сатри дуюм - **насаби муаллиф, ҳарфи аввали ном ва номи падар**, бо баробаркунии матн дар байни саҳифа:
- сатри сеюм – **номи ҷои кори асосӣ** (таҳсил) бо баробаркунии матн дар байни саҳифа;
- матни мақола бояд дар матни MS Word ҳуруфчинӣ (ҳошияҳо аз ҳама тараф – 2 см.) шуда, ҳуруфи Times New Roman, Times New Roman Tj бо андозаи 14, фосилаи байни сатрҳо 1,5 ва дар вараҷи А 4 пешниҳод гардад;
- рӯйхати адабиёт дар охири матн, баъд аз калимаи «Адабиёт», бо тартиби алифбо омода шавад;
- баъд аз рӯйхати адабиёт бояд номи мақола, аннотатсия (то 100 калима) ва калидвожаҳо (5-10 калима) ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (бо андозаи 10) оварда шавад;
- дар охир бояд маълумот дар бораи муаллиф - **насаб, ном ва номи падар** пурра, дараҷа ва унвони илмӣ, вазифа (таҳсил) бо баробаркунии матн ба паҳнои саҳифа (бо забони мақолаи пешниҳодшуда) оварда шавад.

Дархост барои иштирок ва матни мақола дар шакли электронӣ бояд то **20 октябри соли 2021** ба нишонии электронӣ **E-mail: catrdp@mfa.tj** пешниҳод гардад.

**Нишонии Кумитаи тадорукот:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз 33. **E-mail: catrdp@mfa.tj**

**Шахси масъул:** Зокирова Гавҳар., телефон барои тамос: 221 99 07.